**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи ”Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст. – Душанбе,2021.**

Дар шароити кунунии рукшди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷаҳонишавии кулли ротитаву алоқаҳои маҳалливу миллӣ, хусусияти нав гирифтани кулли масоили ҷомеа, Тоҷикистон дар чорсӯи ташаккули минбаъда қарор гирифтааст, ки ояндаи он аз маҷмӯи омилҳои таъсиррасон вобаста мегардад. Аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ барои интихоб намудани роҳи ташаккулу рушд усулҳои гуногун пешниҳоду тавсия мегардад, ки яке аз онҳо омӯзиши фарҳанги ниёгон, қабули сабақҳои таърихӣ, истифодаи падидаву ниҳодҳои муваффақу коршоям дар ҳаллу баррасии масоили имрӯзу дурнамои рушди кишвар мебошад. Аз ин нуктаи назар, омӯзиши падидаву ниҳод ва таҷрибаи давлатдории Сосониён, ки зиёда аз чор асрро ташкил медиҳад, бесабаб нест, чунки дар таърихи давлатдории Сосониён мо чандин ҳолати ташаккулу рушд, таҳти таъсири бегонагон мондан, дубора қудрат гирифтаву давлатдории мутамарказ ташкил карданро мушоҳида менамоем. Албатта, омилу сабаб, баҳонаву натиҷаи ҳукмронии ҳокимони он давр бояд ба таври амиқ таҳлил гардад то таҷрибаи лозима ба даст ояд. Вале муаллифи рисола кушиш намудааст, ки аз тариқи омузиш ва муайян намудани аҳамияти муҳимтарин санади меъёриву ҳуқуқии Сосониён  -Қонуннома меъёр ва падидаҳои ҳуқуқию давлатии Сосониёнро ошкор ва барои истифодаи имрӯз пешниҳод

намояд. Албатта, аз нуктаи назари илмӣ, легитиматсияи давлатдорӣ ва таърихи тулонӣ доштани падидаҳои ҳуқуқӣ мавзӯи пешниҳодгардида, мубрамият ва аҳамияти илмӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки масъалаҳои бо танзим фарогирифтаи ин санади таърихии ҳукуқӣ то имруз моҳияти худро гум накардаанд ва қонунгузории давлатҳои муосир аз рӯи шакл ва моҳияти он таҳия мешаванд. Қонунномаи Сосониён ба мураттабсозии ҳуқуқи асрҳои миёнаи кишварҳои шарқӣ ҳамчун манбаи тақлид хизмат кардааст, ки эҷодгари он мардуми тоҷику форс буданд.

Қонунномаи Сосониён қариб ҳазор қарори судӣ ва маъмуриро, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд, фаро мегирад. Сарчашмаи асосии таълифи он қарори мақомотҳои расмии ҳокимият, ки қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ доштанд, андешаи судяҳо, олимони обрӯманди ҳуқуқ ва урфу одатҳои амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр интихоби мавзӯи мазкур аз ҷониби пажӯҳишгар саривақтӣ ва муҳим маҳсуб мегардад.

Диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович, ки «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ» ном гирифтааст, мавзӯи мубрам ба ҳисоб рафта, он заминаи тадқиқи ҳамаҷонибаи саънадҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки то имрӯз дар Тоҷикистон мавриди коркард қарор нагирифта буданд, фароҳам меорад.

Муаллиф дар заминаи таҳқикот якчанд навовариҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудаанд, ки аксарияти онҳо муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Таҳлил ва баҳогузории меъёрҳои Қонунномаи Сосониён аз ҷониби муаллиф навгонӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбад.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар таҷрибаи кории

мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти судӣ истифода шаванд ва дар такмили қонунгузори дар бахши низоми судӣ мусоидат кунад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо дида мешаванд. Аз ҷумла муаллиф муқаррароти Қонунномаи Сосониёнро шарҳ додааст, аммо нақш ва моҳияти онро дар низоми ҳуқуқии имруза мавриди таҳлил қарор надодааст.

Дар пешниҳоди ҳаштуми худ ба меъёрҳои манъкунандаи Қонунномаи Сосониён ишора кардааст, аммо мушаххасан онҳоро дар рисола инъикос накардааст, бинобар ин мехоҳам то диссертант нуктаи назари хешро ҳангоми химояи рисола пешниҳод намояд.

Бо назардошти он чӣ қайд гардид, хулоса кардан мумкин аст, ки андешаҳои баҳсталаб ба мазмуни таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонад.

Рисолаи илмии пешниҳоднамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибкулович бо забони содда, равон ва оммафаҳм таҳия гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Ҳоҷиев Мухиддин Соҳибқулович дар мавзӯи **«Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои хукукшиносӣ) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи талаботи марбутаи мавҷуда буда, ҳамчун тадқиқоти баанҷомрасида эътироф гардида, мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мазмун ва моҳияти диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович гувоҳи он аст, ки рисолаи илмӣ ба пуррагӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳим – Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибкулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Нишонӣ:** Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Телефон: +(992) 221-03-28, Email: info@anrt.tj

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон** **Буризода Э.Б.**

Имзои Буризода Э. Б.-ро тасдиқ мекунам
ШК

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ